«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино», д.и.т., профессор
_____Мухиддин Ҳ.Д.
«__»_____2026 с.

«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, д.и.ҳ., профессор
_____Насриддинзода Э.С.
«__»_____2026 с.

# ХУЛОСАИ

**ҷаласаи васеи кафедраҳои химияи татбиқии факултети химияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва кафедраи кимиёи фарматсевтӣ ва заҳршиносии МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуали ибни Сино" оид ба рисолаи номзадии Бойназарзода Кибриё Усмон дар мавзуи: «Комплексҳосилкунии нуқра(I) бо албендазол», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4.5. Химияи физикӣ пешниҳод шудааст**

Рисолаи диссертатсионии Бойназарзода Кибриё Усмон дар мавзуи «Комплексҳосилкунии нуқра(I) бо албендазол» дар кафедраи химияи татбиқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, мувофиқ ба самти мавзуи илмии "Коркарди маъданҳои маҳалӣ, партовҳои саноатӣ, инчунин омӯзиши комплексҳосилкунии нуқра бо мис ва оҳан бо лигандҳои органикӣ" ва дар кафедраи кимиёи фарматсевтӣ ва заҳршиносии МДТ «Донишгоҳи давлатии тибби Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» иҷро шудааст, дар доираи супориши давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, лоиҳаи № ГР0122ТЈ1433 ва ГР0121ТЈ208 иҷро гардидааст.

Бойназарзода Кибриё Усмон дар омода намудани кори диссертатсионӣ аз соли 2021 унвонҷӯйи кафедраи химияи татбиқӣ ҳисобида мешуд. Мавсуф соли 2008 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси «Химик. Омӯзгор» бомуваффақият хатм намудааст. Бойназарзода К. У. аз моҳи сентябри соли 2008 то инҷониб ба ҳайси мудири озмоишгоҳи таълимии кафедраи химияи татбиқӣ фаъолият намуда истодааст.

**Роҳбари илмӣ:** номзади илмҳои химия, дотсенти кафедраи химияи татбиқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ёрмамадова Саврибегим Гулмамадовна ва доктори илмҳои химия, профессори кафедраи химияи

фарматсевтӣ ва захршиносии МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» Раҷабов Умаралӣ.

Дар натиҷаи муҳокимаи рисолаи илмӣ дар мавзуи «Комплексҳосилкунии нуқра(I) бо албендазол» хулосаи зерин қабул карда шуд:

Кори диссертатсионии пешниҳодгардидаи Бойназарзода Кибриё Усмон дар мавзуи «Комплексҳосилкунии нуқра(I) бо албендазол» дар доираи масъалаҳои гузошташуда як таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, дорои натиҷаҳои нави илмӣ мебошад.

**Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Рисолаи диссертатсионӣ дар сатҳи зарурии илмӣ-назариявӣ ва амалии таҳқиқотӣ иҷро гардида, бо сатҳи хуб арзёбӣ мегардад. Хулосаҳои дар кор пешниҳодшуда бо усулҳои муосири гуногуни физикӣ-химиявӣ асоснок карда шудааст.

**Мақсади таҳқиқоти** диссертатсионӣ таҳқиқ ва синтези комплексҳосилкунии нуқра бо албендазол, омӯхтани хосиятҳои физикӣ-химиявии онҳо, муайян кардани бузургиҳои константаи устувории пайвастаҳои координатсионӣ, функсияҳои термодинамикӣ, таъсири омилҳо ба устувории комплексҳои ҳосилшуда дар муҳити обӣ-кислотагӣ (сирко) ва ДМСО, омӯхтани хосиятҳои зиддимикробӣ, зидди паразитӣ, зидди занбӯруғии онҳо асос ёфтааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот натиҷаҳои илмии зерин ба ҳисоб мераванд:** Аввалин бор раванди комплексҳосилкунии нуқра(I) бо албендазол бо истифода аз усули потенсиометрӣ ва усули ғайрихатии камтарини квадратӣ омӯхта шудаанд. Бори аввал синтези мақсадноки пайвастагиҳои координатсионии нуқра(I) бо албендазол гузаронида шуд.

Таркиб ва сохти пайвастагиҳои координатсионии нуқра(I) ва албендазол бо истифода аз усулҳои спектри инфрасурх, масс-спектроскопӣ, ренгеноструқрурӣ, РМЯ, дериватографӣ омӯхта шуд. Бори аввал хосиятҳои физикӣ-химиявии пайвастагиҳои координатсионии нуқра(I) бо албендазол омӯхта шудаанд. Хосияти биологӣ хусусан

заҳролудшавии шадид ва музмин, хосиятҳои аллергенӣ ва зиддимикробии пайвастаҳои комплексии нукра(I) омӯхта шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.**

Диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи илмии муаллиф мебошад. Муаллифи кори диссертатсионӣ дар ҳама зинаҳои иҷрои таҳқиқотҳои таҷрибавӣ, коркарди натиҷаҳои илмии бадастомада, таҳлили адабиёти илмии мавҷуда доир ба мавзуи диссертатсионӣ иштирок кардааст. Муҳокимаи натиҷаҳо, хулосабарорӣ ва омодасозии мақолаҳои илмӣ доир ба мавзуи диссертатсионӣ дар якҷоягӣ бо роҳбари илмӣ, н.и.х., дотсент Ёрмамадова С.Г. ва д.и.х., профессор Раҷабов У гузаронида шуданд.

**Усулҳои таҳқиқот.** Дар таҳқиқот усулҳои физикӣ-химиявӣ, таҳлили спектри инфрасурх, масс-спектроскопӣ, РМЯ, дервоторгафӣ, ренгеноструктурӣ ва дигар усулҳои таҳлили химиявӣ, барои ба даст овардани натиҷаҳои саҳҳеҳ бо дақиқии баланд, истифода шуданд.

**Заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот**

Омӯзиши раванди комплексҳосилкунии нукра(I) бо албендазол дар муҳити кислотаи сирко ва ДМСО (диметилсулфоксид) вобаста ба ҳарорат, муайян намудани константаҳои устуворӣ ва бузургиҳои термодинамикӣ барои асосҳои назариявии химияи пайвастаҳои координатсионӣ ва физикӣ саҳм мегузоранд.

**Навгонии таҳқиқоти** диссертатсионӣ тибқи талаботи КОА-назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шиносномаи ихтисоси 1.4.5. «Химияи физикӣ» мутобиқат мекунад.

Доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маҷмуъ 14 мақола ва фишурдаи мақолаҳо, ки 4-и он дар маҷаллаҳои тавсиявии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 мақола дар маҷаллаи гузориши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 1 дар Паёми донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ), 1 дар Паёми донишгоҳи давлатии Данғара Бахши илмҳои табиӣ, 10

фишурдаи мақолаҳо дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ нашр гардидаанд.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТАЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### Мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. **Бойназарова К.У.** Физико-химические свойства координационного соединения серебра(I) с альбендазолом/ С.Г. Ёрамамадова, К.У. Бойназарова, У. Раджабов // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. - 2023. -Т. 66. -№ 8-7. -С. 445-452.

[2-М]. **Бойназарова К.У.** Исследование комплексообразования в системе Ag(I)-альбендазол-уксусная кислота / С.Г. Ёрмамадова, К.У. Бойназарова, У. Раджабов // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.- 2025. -Т. 68. -№ 9-10. -С. 879-888.

[3-М]. **Бойназарзода К.У.** Комплексхосилкунии нуқра (I) бо албендазол / К.У. Бойназарзода // Паёми донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ) силсилаи илмҳои табиӣ. - 2026. - № 2-2(147)

[4-М]. **Бойназарзода К.У.** Комплексҳосилкунии нуқра (I) бо албендазол дар ҳалкунандаи органикӣ-ДМСО / **К.У. Бойназарзода**, С.Г. Ёрмамадова, У. Раджабов // Паёми Донишгоҳи давлатии Данғара, Бахши илмҳои табиӣ. -2026.-№1(35).-С.149-155

### Фишурдаи маърӯзаҳо дар конференсияҳои байналмиллалӣ ва ҷумҳуриявӣ

[5-М]. **Бойназарова К.У.** Синтез ва омӯзиши нуқра(I) бо албендазол / С.Г. Ёрмамадова, **К.У. Бойназарова,** У. Раҷабов // Коференсияи байналмиллалии илмию амалии «Рӯшоноии адабӣ дар илм».- Алмата.- 2022. -С. 116-119.

[6-М]. **Бойназарова К.У.** Синтез ва хосияти биологии пайвасти комплексии Ag(I) бо албендазол/ С.Г. Ёрмамадова, **К.У. Бойназарова,** У. Раҷабов // Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати

устодону кормандони ИИТ ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди саноат (2022-2026)» ва «Бузургдошти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ». -Душанбе. -2022. -С. -301-302.

[7-М]. **Бойназарова К.У.** Хусусиятҳои биологии нитрати нуқра бо албендазол / С.Г. Ёрмамадова, **К.У. Бойназарова**, У. Рачабов // Конференсияи байналмилалии илмию амалии «Конференсияи илмӣ-амалии байналмиллалӣ ба муносибати 70-солагӣ «Тибби муосир: анъанаҳо ва навовариҳо». -Душанбе. -2022. -Т. 2. -С. 566-567.

[8-М]. **Бойназарова К.У.** Хусусиятҳои физикӣ-кимиёвӣ ва биологии сулфати мис бо албендазол / С.Г. Ёрмамадова, **К.У. Бойназарова**, У. Рачабов // Маводи Конференсияи XVIII илмӣ-амалии олимони ҷавон ва донишҷӯёни ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино «Илм ва инноватсия дар тиб-2023». –Душанбе. -2023. -Т. 2. -С. 250.

[9-М]. **Бойназарова К.У.** Омӯзиши равандҳои комплексии нуқра(I) бо албендазол дар маҳлулҳои сиркоӣ-обӣ / С.Г. Ёрмамадова, **К.У. Бойназарова**, У. Рачабов // Мактаби-конференсияи умумироссиягии олимони ҷавон « ДНИ НАУКИ В ИГХТУ ». - Иваново. -2023. -С. 188.

[10-М]. **Бойназарова К.У.** Хусусятҳои физико-химиявӣ ва биологии нуқра(I) бо албендазол / С.Г. Ёрмамадова, **К.У. Бойназарова,** У. Рачабов// Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Рушди самтҳои нав дар химия ва технологияи химиявӣ» бахшида ба гиромидошти хотираи академики АМИТ, доктори илмҳои химия, профессор Сафиев Ҳайдар.-Душанбе. -2023. -С. 149-150.

[11-М]. **Бойназарова К.У.** Омӯзиши ҳосилшавии комплексии Ag(I) бо (5-(пропилтио)-1н бензимидазол-2-ил) кислотаи карбамини метил / С.Г. Ёрмамадова, **К.У. Бойназарова**, У. Рачабов // конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзӯи «Рушди илмҳои химия, технология ва экология» бахшида ба 20-солагии таъсисёбии кафедраи «Технология ва экологияи химиявӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф». -Душанбе. -2023. -С. 86.

[12-М]. **Бойназарова К.У.** Хусусиятҳои пайвастагиҳои комплексии нуқра бо албеңдазол/ С.Г. Ёрмамадова, **К.У. Бойназарова**, У. Раҷабов // «Самтҳои афзалиятноки тадқиқот дар соҳаи тиб: кимиёи тиббӣ, биокимиё ва биофизика. Маҷмӯаи тезисҳои Анҷумани байналмилалии илмӣ- амалӣ». -Бухоро. -2024. -С. 343-344.

[13-М]. **Бойназарова К.У.** Омӯзиши комплексҳосилкунии нуқра(I) бо албендазол дар ҳарорати 298 К / С.Г. Ёрмамадова , **К.У. Бойназарова,** У. Раҷабов // Конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии донишҷӯён, магистрон ва унвонҷӯёни ДМТ, бахшида ба соҳаи рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия (2025-2030), «700 солагии шоири ғазалсарои тоҷику форс Ҳофизи Шерозӣ» ва «115-солагии шоири халқии Тоҷикистон Боқӣ Раҳимзода». -Душанбе. -2025. -С. 449-454.

[14-М]. **Бойназарова К.У.** Комплексҳосилкунии нукра(I) бо албендазол дар муҳити ДМСО/ С.Г. Ёрмамадова , **К.У. Бойназарова,** У. Раҷабов // Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Проблемаҳои актуалӣ, ҳалли онҳо ва дурнамои рушди химияи муосир» дар Донишкадаи соҳибкорӣ ва педагогии Деҳнав, Ҷумҳурии Ӯзбекистон.-2025.- С. 179.

**Мувофиқати мазмуни кори диссертатсионӣ ба ихтисоси интихобшуда**

Кори диссертатсионии унвонҷӯй кафедраи химияи татбиқии факултети химияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Бойназарзода Кибриё Усмон дар мавзуи «Комплексҳосилкунии нуқра(I) бо албендазол» ба ихтисоси 1.4.5. Химияи физикӣ ҷавобгӯ мебошад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Кори диссертатсионии унвонҷӯйи кафедраи химияи татбиқии факултети химияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Бойназарзода Кибриё Усмон дар мавзуи «Комплексҳосилкунии нуқра(I) бо албендазол» бо натиҷаҳои илмии бадастомада ва меъёрҳои муҳимияти мавзуъ ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи Низомномаи Тартиби додани дараҷаи илмӣ мутобиқ ва ҷавобгӯ буда, ба ҳимояи ошкоро барои дарёфти дараҷаи

илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4.5. Химияи физикӣ тавсия дода мешавад.

Қарор дар ҷаласаи васеи кафедраи химияи татбиқии факултети химияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз **04.05.2026,** протоколи №11 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа 52 нафар иштирок намуд.

Натиҷаҳои овоздиҳӣ:

«Тарафдор» -52 нафар, «Зид» -нест, «Бетараф» -нест.

Раис:

дотсенти кафедраи химияи

татбиқӣ Рафиев Р.С.

Котиб: н.и.х., дотсенти

кафедраи химияи татбиқӣ Мудинов Х.Ғ.

Имзои Р.С. Рафиев ва Х.Ғ. Мудиновро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо

ва корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.

04.05.2026